«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, профессор
Ибодуллозода А.И.
______________
«05» ____12____ 2022

**Хулосаи**

**якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар бораи рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика» ҷиҳати дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Рисола дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани рисола Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович докторанти кафедраи методикаи тахсилоти ибтидоӣ, доктори фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани санҷишу имтиҳонҳои маҷмуии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйии ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ. Аз 21.08.2020, зери рақами №354-ОД дода шудааст.

Роҳбари илмии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳусен Худоёрович дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси дотсент кору фаъолият менамояд.

Кафедра баъди баррасии муфассали рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович ба хулосаи зерин омад.

Рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи «**Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика»** таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Диссертант пажуҳиши доманадор ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар шакли рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ докторант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои педагогӣ-методӣ истифода намуда, барои омӯзиш ва таҳлили адабиёт оид ба мазмун ва мундариҷаи робитаи байнифаннии предметҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муайянкунии имкониятҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, пайдоиши шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили самараноки корҳои беруназдарсӣ бо фанни математика ва амалан санҷидани системаи коркарди методии пешниҳод-гардидаро ба даст овардааст.

Инчунин равандҳои ин давраҳоро дар мавқеи объективонаи илмӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар омода намудани рисола аз асарҳои илмии муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оид ба масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ намудааст.

Муҳтавои таҳқиқоти илмӣ, муносибатҳои методологии дар он коркардшуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, тасаввурот оид ба ҳамин замина корҳои озмоишӣ, шаклҳо ва методҳои ташаккули донишҳои одитарини физикӣ мавриди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дақиқ ва муайян гардида аст.

Докторант зимни таҳқиқ ҷиҳати муаррифӣ кардани ақидаҳои ташаккули мафҳумҳои илмии умумифаннӣ бештар вақт бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад, яъне аз тасаввуроти мушаххас ба

донишҳои мафҳумӣ табдил меёбад. Ворид намудани дилхоҳ мафҳуми умумиилмӣ дар марҳилаи поёнии таълим ба донишҳои таҷрибавӣ ва мафҳуми нисбатан мушаххас такя намудааст.

**Иштироки шахсии муаллиф ба дастоварди натиҷаҳои илмӣ.**

Диссертант дар масъалагузориҳо, гузориши мақсадҳои асосӣ, таҳқиқоти назариявии ба дастоварда, роҳҳои ҳалли мушкилот ва ба дастовардани натиҷаю хулосаҳо саҳми шахсӣ дорад. Инчунин дар як қатор мақолаҳои хеш оид ба мавзуи таҳқиқотиаш ибрози назар намудааст.

**Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии навоварии кор дар он зоҳир мегардад,** ки дар он кушиш ба харҷ дода шудааст, то ки дар натиҷаҳои он ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид гардад. Дар кор мафҳуми ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи омӯзиши фанҳои табиӣ-математикӣ пешкаш гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоюли ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ азбаркунии хонандагон, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба фанни физика гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** иборат аз коркарди методикаи ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаҳои китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазир дорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимони оянда синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода намоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** иборат аз он мебошад, ки: мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуд; заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор гардид; роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян шуд ва дар асосии таҳқиқот барои ҳимоя пешбарӣ карда шудаанд.

Мақолаҳои ба нашр расонида ва автореферат ба диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

Эродҳо ва асосноксозии хулоса метавонанд барои масъалагузории **«Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика»** аз қисматҳои зерин иборат бошанд.

- қолаби илмӣ таҷдиди назар карда шавад;

- дар кор хатогиҳои услубӣ ва китобатӣ ислоҳ карда шавад.

**Амалисозӣ ва паҳнкунии натиҷаҳои таҳқиқот:** Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисола бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (с. 2017-2021) баррасӣ шудаанд.

Оид ба мавзуи рисола 17 мақолаҳое, ки нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи нашриҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 161 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 173 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

Дар маҷмуъ рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи «**Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика**» пажуҳиши комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон ба ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур баъди баррасии муфассали рисола дар маҷлиси якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок карданд 31 нафар.

Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати пешниҳод шудани рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович ба ҳимоя:

Тарафдор 30 нафар; зид бетараф нест.

Суратҷаласаи **№2 аз 29. 09. 2022 с.**

Мудири кафедраи методикаи таҳсилоти
ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент: Ғаффоров А.О.

Мудири кафедраи педагогика ва психологияи
синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Фозилов С.М.

Имзои А. О. Ғаффуров ва С. М. Фозиловро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: А. Мустафозода.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj